***ТДУ 371.037***
***ТКБ 74.200.55***

# МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ДАР ПЕДАГОГИКАИ ЭТНИКИИ МАРДУМИ ТОҶИК

***Ахророва Гулчеҳра Усмоновна****, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Тоҷикистон,Хуҷанд)*

# ПРОБЛЕМЫ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ В ЭТНИЧЕСКОЙ ПЕДАГОГИКЕ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

***Ахророва Гулчехра Усмоновна,*** *кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции (Таджикистан, Худжанд)*

# PROBLEMS BESET WITH MORAL EDUCATION IN ETHNIC PEDAGOGY OF THE TAJIK PEOPLE

***Ahrorova Gulchehra Usmonovna,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik and Russian languages under the Institute of Economy and Trade attached to the Tajik State University of Commerce (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** g_ahrorova@iet.tj.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *ахлоқ, тарбия, анъана, педагогикаи халқӣ, зарбулмасалу мақол, расму оин, одоб, дӯстӣ, оила, этнопедагогика*

*Дар мақола аҳамияти тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар асоси донишҳои этнопедагогӣ таъкид гардидааст. Қайд мешавад, ки ҳар як халқ анъанаҳои миллӣ, расму ойин, урфу одат ва эҷодиёти шифоҳии худро дорад, ки он барои тарбиятдиҳанда ва тарбиятгирандагон воситаи муҳими тарбияи ахлоқӣ мебошад. Педагогикаи этникӣ ва халқӣ тамоми паҳлуҳои тарбияи ахлоқиро дар алоқамандии якдигар мебинад. Аз ҷумла, тарбияи ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ, муносибати софдилона ба меҳнат, тарбия намудани ростқавлӣ ва ростӣ, хушмуомилагию хоксорӣ, риояи одоб ҳангоми муомила бо ҳамсолон ва калонсолон, муносибати дӯстона, дӯстиву рафоқат, ҳимояи манфиатҳои умум ва эътиқод дар ин роҳ, нисбат ба якдигар меҳрубон будан, ба якдигар дасти мадад дароз кардан, интихоби дӯсти арзанда, риояи одоб дар дӯстӣ, қувваи дустӣ ва гайраҳо, ки онҳоро одатан дарси ахлоқ меноманд. Дар мақола қайд шудааст, ки анъанаҳо, ҷашнҳо, идҳо, маросимҳо ва расму оинҳое, ки таърихи ҳазорсола доранд, дар ташаккули тарбияи ахлоқӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, дар ҳифзи арзишҳои маънавии насли ҳозира, алалхусус ҷавонон нақши муҳиму ҷиддиро бозида истодаанд. Вобаста ба ин, муаллиф қайд мекунад, ки анъанаҳо ва расму оинҳо ҳамчун қисми муҳими педагогикаи халқӣ, ки таърихи тӯлонӣ доранд, дар тарбияи насли наврас нақши назаррас доранд. Аз ин лиҳоз, муаллиф ба хулосае меояд, ки ахлоқ ва маънавият, гояҳои инсондӯстӣ ва зебоишиносӣ, намунаҳои қаҳрамонӣ, далерӣ, ҷасорат, меҳнатдӯстӣ, камолоти ҷисмонӣ дар байни халқ бо зарбулмасалу мақолҳо, сурудҳо, афсонаҳо, ривоятҳо ва эпосҳо ифода мешаванд.*

***Ключевые слова****: этика, воспитание, традиции, народная педагогика, пословицы, обычаи, нравы, дружба, семья, этнопедагогика*

*В статье подчеркивается важность нравственного воспитания студентов на основе этнопедагогических знаний. Каждый народ имеет свои национальные традиции, обычаи и устное творчество, которое является важным средством воспитания молодежи. Этническая и народная педагогика рассматривает все аспекты нравственного воспитания по отношению друг к другу, в частности, такие как: воспитание патриотизма и гуманизма, честного отношения к работе, честности и правдивости, вежливости и смирения, соблюдение норм этики в отношениях со сверстниками и взрослыми, дружба, товарищество, защита общих интересов, любовь друг к другу, взаимовыручка, выбор достойного друга, хорошие манеры в дружбе, сила дружбы и так далее, что обычно называют уроками морали. В статье отмечается, что традиции, праздники, обычаи и обряды, имеющие тысячелетнюю историю, играют значительную и серьезную роль в нравственном воспитании, в формировании чувства национальной гордости, патриотизма и гражданской ответственности, в защите нравственных ценностей нынешнего поколения, особенно молодежи. В связи с этим определяется, что традиции и обычаи как неотъемлемая часть народной педагогики, имеющей многолетнюю историю, играют важную роль в воспитании подрастающего поколения. Таким образом, делается вывод о том, что нравственность и*

*духовность, идеи человечности и эстетики, примеры героизма, отваги, трудолюбия, физической зрелости в народе выражаются в пословицах, песнях, легендах и былинах.*

***Key words:*** *ethics, education, traditions, folk pedagogy, proverbs, customs, morals, friendship, family, ethnopedagogy*

*In her article the author lays an emphasis upon the idea of the importance of moral education of students based on ethnopedagogical knowledge. Each nation has its own national traditions, customs and oral creativity, which is an important means of young people upbringing. Ethnic and folk pedagogy consider all aspects of moral education in relation to each other. In particular, education of patriotism and humanism, honest attitude to work, honesty and truthfulness, politeness and humility, etiquette in relations with peers and adults, friendship, comradeship, protection of common interests, love for each other, helping each other, choosing a worthy friend, maintaining good manners in friendship, the strength of friendship, and so on, which are usually called moral lessons. The article notes that traditions, holidays, customs and rituals with a thousand-year history play a significant and serious role in formation of moral education, a sense of national pride, patriotism and civic responsibility, in protecting moral values of the current generation, especially young people. In this regard, the author underscores that traditions and customs as an integral part of folk pedagogy with a long history play a significant role in younger generation upbringing. Thus, the author comes to the conclusion that morality and spirituality, ideas of humanity and aesthetics, examples of heroism, courage, hard work, physical maturity among the people are expressed in proverbs, songs, legends and epics.*

Ахлоқ аз падидаи қадими иҷтимоист, ки баробари пайдоиши инсон ташаккул ёфтааст. Одобу ахлоқ бунёди маънавии инсон ва ҷомеаро ташкил дода, дар тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши бузург доранд. Ахлоқ истилоҳи арабӣ, шакли ҷамъи хулқ аст, ки муродифҳо ва калимаҳои мазмунан ба он наздик дар забони тоҷикӣ“одоб”,“рафтор”,“кирдор”,“сират”, “амал” мебошанд [15,с.105].Он вобаста аз матлаби гӯянда дар таркибҳои ахлоқи покиза, ахлоқи ҳамида, ахлоқи фозила, ахлоқи разила, ба маънoҳои хулқи нек, одоби хуб, кирдори писандида ва ғайра мавриди истифода қарор дорад.

“Ахлоқ ба мисли занҷирест, ки ҳалқаҳоро бо ҳам пайваст месозад ва одамонро бо якдигар пайваста, умумияти ормониеро зоҳир месозад, ки дар дохили он танҳо ҳастии инсон метавонад ташаккул ва такомул ёбад”[4,с.47].

Ахлоқ аз қадим мағз андар мағзи фарҳангу адабиёт, суннату анъана, урфу одати мардум, шууру равони халқи тоҷик ҷой гирифтааст. Ба гуфти М.Шакурӣ “яке аз ҳадафҳои миллӣ дар замони мо бозофариниши ахлоқи миллист, соҳиб шудан ба чунин хулқу одоб аст, ки решаҳои таърихӣ дошта, дар айни ҳол дархости дунёи имрӯзаро посухгӯй бошад. Меъёрҳои миллии ахлоқ аз тарзи хоси зиндагии миллат ҳосил гардида, фаҳмишу биниши ӯро ифода мекунад ва барои ин ки зисту маишат осонтар сурат гирифта бештар мазмуни инсонӣ дошта бошад, кӯмак менамояд”[19,с.76]. Рисолати тарбиявии одобу ахлоқ дар инсон сифатҳои волои маънавӣ, раҳму шафқат, адлу инсоф, шуҷоату далерӣ, иффату покӣ, одамгариву инсондӯстиро парваридан аст. Чи хеле ки В.А.Сухомлинский таъкид кардааст, “вақте сухан аз симои маънавии одам меравад, калимаҳои *муқаддас* ва *устувор* маънои муайян пайдо мекунанд: ин ҳамон чизест, ки одам онро мисли шаъну шараф қадру эътибораш азиз медонаду ба ҳеҷ ваҷҳ аз баҳраш гузашта наметавонад. Одаме, ки мо тарбияаш мекунем, бояд ҳақиқати муқаддас, номҳои муқаддас, принсипҳои муқаддас ва қоидаҳои муқаддасу баҳснопазир ва пойдори хулқу одоб дошта бошад”[13,с.129]. Ба гуфти донишманди маъруфи тоҷик М.Орифӣ “Одоб дар педагогикаи халқӣ маънои васеъ дошта, мафҳумҳои гуногун, аз қабили ватандӯстӣ, халқпарварӣ, дӯстӣ ва рафоқат, инсондӯстӣ, хоксорӣ, ростӣ, мардонагӣ, ҳурмат, шуҷоат ва ғайраро дар бар мегирад” [9,с.15].

Ахлоқ раҳнамои инсон ва ҷомеа ба ҷониби хайру саодат мебошад. Вай ҳамеша касро, ҷомеаро ба роҳи росту дуруст, ба рафтори оқилона, накӯкорӣ, созандагиву бунёдкорӣ раҳнамун месозад. Тибқи виҷдони пок рафтор кардан, барои амалҳои хайру некро анҷом додан ҳидоят менамояд. «Ахлоқ падидаи нодири иҷтимоӣ буда, ниҳодест, ки дар худ рисолат, нерӯ ва имконоти азимеро маҳфуз медорад» [8,с.6].

Ҳар як халқ анъанаҳои миллӣ, расму оин, урфу одат ва эҷодиёти шифоҳии худро дорад, ки он барои тарбиятдиҳанда ва тарбиятгирандагон воситаи муҳими тарбияи ахлоқӣ мебошад. Бо итминон гуфтан мумкин аст, ки анъанаҳо, ҷашнҳо, идҳо, маросимҳо ва расму оинҳое, ки таърихи ҳазорсола доранд, дар ташаккули тарбияи ахлоқӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, дар ҳифзи арзишҳои маънавӣ нақши муҳиму ҷиддӣ доранд. Зеро

анъанаҳо ва расму оинҳо ҳамчун қисми муҳими педагогикаи халқӣ, ки таърихи тӯлонӣ доранд, дар тарбияи насли наврас нақши назаррас доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд кардаанд: "Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумумли қавму қабоили хеш огаҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонад" [10,с.5].Барои рушду камоли ҷавонон суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ ҳамчун воситаи тавонои тарбия хизмати босазое карда метавонанд. Волидону калонсолон аз рӯи расму одат ба фарзандон ҳанӯз аз овони кӯдакиашон, омӯзгорон ба шогирдон баробари таълими илму дониш услубу одоби писандидаро тарбия ва талқин менамоянд.Бинобар ин, истифода бурдан аз ақидаҳои илмии мутафаккирони гузашта, урфу одат ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи ахлоқӣ, худогоҳии миллӣ ва меҳанпарастии насли наврас ва ҷавонон хеле манфиатбахш мебошад.Миллати тоҷик, ки ба унвони ақвоми соҳибтаърих, соҳибфарҳангу соҳибтамаддун дар қаламрави тамаддуни башарӣ эътироф гардидааст, бо эҷоди ин арзишҳои олӣ дар тарбияи ахлоқ нақши муассир мегузорад. Маҳз маданияти баланди инсонгароӣ, дӯст доштани зиндагӣ ва ҳаёт, эҳтиром ва поси хотири одам, ба қадри ҳамдигар расидан, одоби меҳмондорӣ ва меҳмоннавозии халқи сарбаланди тоҷик онро тарбиятдиҳандаи қавму миллатҳои дигар гардонид, ки он боиси ба фарҳанги ҷаҳонӣ мақоми хоса ишғол намудани миллатамон гардид.

Чи хеле ки донишмандон Б. Раҳимов ва А. Нуров қайд мекунанд, "педагогикаи этникӣ ва халқӣ яке аз пуртаъсиртарин соҳаи илми педагогика буда, дар ташаккули сифатҳои неки ахлоқии насли наврас ва ҷавонон мақоми муҳим мебозад" [11,с.3]. Педагогикаи этникӣ ва халқӣ тамоми паҳлуҳои тарбияи ахлоқиро дар алоқамандии якдигар мебинад. Аз ҷумла, тарбияи ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ, муносибати софдилона ба меҳнат, тарбия намудани ростқавлӣ ва ростӣ, хушмуомилагию хоксорӣ, риояи одоб ҳангоми муомила бо ҳамсолон ва калонсолон, дӯстиву рафоқат, ҳимояи манфиатҳои умум ва эътиқод дар ин роҳ, нисбат ба якдигар меҳрубон будан, ба якдигар дасти мадад дароз кардан, интихоби дӯсти арзанда, риояи одоб дар дӯстӣ, қувваи дустӣ ва гайраҳо, ки онҳоро одатан дарси ахлоқ меноманд.

Инсоният ба омӯзиши мероси илмии давраҳои гузаштаи таърихӣ ҳамеша эътибори аввалиндараҷа додааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар таҳқиқи анъана ва урфу одатҳои халқӣ ва таъсири он ба рушду инкишофи педагогикаи илмӣ донишмандону олимони ватанию хориҷӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Омӯзиши афкори педагогӣ дар давраи дигаргуниҳои қатъии инкишофи ҷомеа бо такя ба анъанаҳои миллӣ ва мероси ғоявию маънавии наслҳои гузашта барои пешрафти ҷомеа ва тарбияи насли ҷавон заминаҳои мусоид фароҳам овардааст. Зеро чуноне ки академик Лутфуллоев М. таъкид мекунад, "мо афкори фалсафию педагогӣ, умуман педагогикаи ниёгонамонро таҳқиқ ва эҳё менамоем, то ки аз як ҷониб хазинаи илми педагогикаамонро ғанӣ гардонем, аз ҷониби дигар, дар ҳаёти рӯзмарраамон дар низоми таълиму тарбияи мардумонамон, ба хусус тарбияи насли ҷавонамон истифода барем" [6,с.146].

Педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский оид ба таҷрибаи халқии тарбия навиштааст: "Тарбияе, ки худи мардум эҷод кардааст ва мабдаи халқӣ дорад, он гуна иқтидори тарбиявиро дорад, ки дар беҳтарин низомҳои дар заминаи ғояҳои абстрактӣ бунёдшуда мавҷуд нест..." [14,120]. Ӯ ба хулосае омад, ки ҳикмати ниёгон оинаест барои наслҳои оянда ва бинобар ин, ҷонибдори тарбияи халқӣ буд. А.С. Макаренко инчунин ба таҷрибаи халқии тарбия, анъанаҳои он муроҷиат намуда, ақида дошт, ки"тарбияи хонаводагӣ, тарбияи ахлоқӣ барои касбиояндаи инсон аҳамияти муҳимтарин дорад» [7,с.398].М.Орифӣ таърихи афкори педагогии халқи тоҷикро омӯхта ба хулосае омадааст, ки «дар педагогикаи халқ ба тарбияи малакаҳои рафтори маданӣ, монанди хушмуомилагӣ, хоксорӣ, ботамкинӣ аҳамияти махсус дода мешавад" [9,с.20].

Чи хеле ки маълум аст, ниёгони халқи тоҷик фарҳанг, анъана ва урфу одатҳои хоси худро соҳиб буданд, ки ба таълиму тарбияи кӯдакон аз синни хурдсолӣ таъсири назаррас доштанд. Ҳангоми тарбияи ахлоқии кӯдакон халқи тоҷик таълимоти диниро ба сифати дастур қабул карда буд. Тадқиқоти таърихӣ ва педагогӣ (М. Орифӣ [13], Х.Афзалов [1],Қ.Б.Қодиров [5] нишон медиҳанд, ки дини зардуштӣ ва китоби муқаддаси "Авасто" ҳамчун дини ҳукмрон ба тарбияи маънавию ахлоқӣ таъсири ҷиддӣ дошт.Се хислати хуб, ки бояд шахси пайрави эътиқоди зардуштӣ дошта бошад,"пиндори нек, гуфтори хуб ва кирдори нек" ҳамчун сифатҳои шахси комил эътироф шудаанд ва то ҳол ин хислатҳоро мардум қадр мекунанд. Академик Б. Ғафуров асолат ва сатҳи баланди фарҳанги маҳаллии Осиёи Марказиро махсусан таъкид намуда, зикр

мекунад, ки "ҳар як давраи таърихӣ дар зиндагии мардум анъана ва урфу одатҳои хосаро ба вуҷуд овардааст, ки барои мубодилаи дастовардҳо, дониш, ҳамкориҳои мардум дар мубориза барои пешрафти иҷтимоӣ ва пайванду ҳамгироии фарҳангӣ саҳм гузоштаанд. Анъанаҳо ва расму оинҳои мазкур омили пуриқтидори тарбия ва ташаккули шахсият буданд" [3,с.216].

Яке аз ҷанбаҳои муҳими фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик - дар кӯдакон ва ҷавонон тарбия кардани кӯшиши ба наслҳои нав мерос гузоштани таҷрибаи мусбии ҷамъшуда мебошад. Дар рафти таъсиррасонӣ ба шахсият, одатан чунин мегӯянд:"Вақте ки мо хурд будем, моро калонсолон тарбия медоданд.Шумо ба камол мерасед,ба фарзандони худ анъанаҳои беҳтаринро мерос мегузоред".Ба туфайли чунин муносибат нисбати тарбия фарҳанги педагогии ниёгонамон бо расму анъанаҳои ба худ хос то замони мо омада расидааст. Ба рушд ва ташаккули анъанаҳо, урфу одатҳо оила ва муносибатҳои хонаводагӣ низ таъсир мерасонанд. Чун анъана, аъзоёни калонтарини оила - бобою бибӣ натанҳо ба фарзандони калонсоли худ, ки аллакай волидайн шудаанд, балки ба наберагон ва аберагонашон низ таъсир мерасонанд. Дигар хешовандон низ худро дар тарбияи фарзандон ва омода кардани онҳо ба ҳаёти оянда масъул меҳисобанд. Ҳадафи асосии мардум тарбияи ахлоқии кӯдакон аз синни хурд аст. Зеро "анъанаҳо, расму ойин, ки дар давоми асрҳо суфта шудаанд, барои тарбияи насли оянда пойдевори қавӣ мебошанд"[17,с.207].

Ахлоқ ва маънавият, ғояҳои инсондӯстӣ ва зебоишиносӣ, намунаҳои қаҳрамонӣ, далерӣ, ҷасорат, меҳнатдӯстӣ, камолоти ҷисмонӣ дар байни халқ бо зарбулмасалу мақолҳо, сурудҳо, афсонаҳо, ривоятҳо ва эпосҳо ифода мешуданд. "Дар ҳикмати халқии педагогӣ, - менависад Г.Н.Волков, - тафовути шаклҳои тарбия хеле возеҳ мушоҳида мешавад: зарбулмасалҳо - асосан барои тарбияи эстетикӣ, чистонҳо-барои тарбияи зеҳнӣ, афсонаҳо - барои тарбияи ахлоқӣ истифода мешаванд" [2,с.98].Халқ ҳамеша кӯшиш менамояд, ки тавассути зарбулмасалу мақолҳо тарбия, таълим, муомила бо калонсолон ва ҳамсолон, ҳисси раҳму шавқат, раҳмдилӣ ва некиро дар кӯдакон ташаккул диҳад. Ба мардум некӣ кардан, рост гуфтан ва эҳтиром намудани ҳамдигар муҳимтарин талқини ахлоқии халқ ба шумор меравад:"Агар некӣ кардаӣ, хомӯш бош, вале агар ба ту некӣ карданд, ба мардум гӯй", "Некие, ки пинҳонӣ шудааст, мукофоташ ошкорост", "Некӣ куну ба об парто", "Ба бадӣ бо некӣ ҷавоб деҳ", "Ҳақ гӯй, агарчи талх бошад", "Ростиро завол нест", "Роҳи рост бирав, агарчи дур аст" ва монанди инҳо.

Ҳамзамон, истифодаи фаровони ҳикоёти халқиро дар осори ривоятие аз қабили "Ҳазору як шаб", "Калила ва Димна", "Синдбоднома", "Марзбоннома", "Самаки айёр", "Доробнома", "Тӯтинома" ва ғайра метавон ба мушоҳида гирифт, ки дар тарбияи ахлоқии ҷавонон нақши муҳим доранд. Чунончи, "Ҳазору як шаб" ва "Афсонаҳои халқӣ" хазинаи беинтиҳои эҷодиёти шифоҳии халқ, ганҷинаи қимматбаҳо, махзани назокат, латофат, ҳикмат, тароват, ақлу хирад, ифодакунандаи қобилияти ҳайратангези афкори халқ ба шумор мераванд.Ахлоқи ҳамидаву аҳду паймон ва вафодорӣ, мубориза барои номи нек дар "Самаки айёр"чун рукни асосии ҷавонмардӣ тасвир шуда, рафтору кирдори аксари образҳои асарро достонпардозону ровиён маҳз аз ҳамин нуқтаи назар мавриди санҷиш қарор додаанд. Чолокиву маҳорат ва корнамоии қаҳрамонон воқеӣ буда, ба муқобили сеҳру ҷоду, дассисаву маккориҳои аҳли дарбор равона карда шуда буданд. Онҳо вобаста бо шароити давр ҳақиқати воқеии ҳаётро тасвир намуда, бо забони пуробу ранги халқӣ нақл карда шудаанд, ки дар тарбияи ахлоқии насли наврас нақши бориз доранд.

Афкори педагогии халқ минбаъд асоси эҷодиёти бисёр шоирон ва мутафаккирони асри миёнаро ташкил додааст,ки он таҷассуми гарҷинаи бебаҳои маданияти педагогии умумибашарӣ мебошад. Асарҳои аксарияти намояндагони маъруфи адабиёти классикии тоҷик, ки ба ганҷинаи фарҳанги ҷаҳонӣ шомил гардидаанд ва эътирофи умумро пайдо кардаанд, дар тарбияи ахлоқии ҷавонон аҳамияти калон доранд. Густариши насри ахлоқӣ дар асрҳои XI-XVI ва таълиф шудани осоре аз қабили "Пандномa"-Абӯмансур Муҳаммади Мотурудӣ, "Қобуснома" - и Унсурмаолии Кайковус, "Насиҳат-ул-мулук" –и Муҳаммади Ғаззолӣ, "Ахлоқи Носирӣ" - и Носириддини Тӯсӣ, "Ахлоқи Ҷалолӣ"- и Ҷалолуддини Даввонӣ, "Кашф-ул-маҳҷуб"- и Ҳуҷвирии Ғазнавӣ, "Гулистон" -и Саъдии Шерозӣ, "Баҳористон"- и Абдурраҳмони Ҷомӣ, "Футувватномаи султонӣ" ва "Ахлоқи Мӯҳсинӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ғайраҳо зарбулмасалу мақол ва ҳикояҳои халқиро вориди ин осори арзишманд гардониданд. Масалан, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ахлоқи ҳамида, хулқу хӯ, одоби писандидаро барои ҳамагон чи хурду чи калон, чи хосу чи ом зарур, писандидаву зебо ҳисобидааст. Хулқу атвори нек на танҳо бунёди маънавии инсон, ҳамчунин зебоии вайро низ муайян месозад. «Ахлоқи сутуда ва авсофи писандида, аз ҳама афроди одамиён зебо ва мустаҳсан менамояд»[16,с.163]. Мавлоно Кошифӣ

моҳияти ахлоқи ҳамида, маънавиятро ифшо карда, таъин менамояд, ки одамиву одамият маҳз ба туфайли одобу хулқи нек муайян мегардад. Бунёди маънавии инсон, сират, ҷавҳари одамиро одоб, хӯи нек ташкил медиҳад, на мансабу сарват, на сурати зебову либоси қиматбаҳо:

***Чун намемонад ҷаҳони беқарор,***
***Номи некӯ беҳ, ки монад ёдгор*** *[16,с.163].*

Таҷриба собит кардааст, ки ҳар як халқ табиати махсуси мантиқии тарбияро дорад, ки дар он ормонҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои тарбияи миллӣ ва умумиинсонӣ татбиқ карда мешаванд. Ба гуфти профессор Ш. Шарофов «мӯҳтавои тарбия, таълим ва инкишоф ҷузъи муҳими сохтории технологияи педагогӣ мебошад»[18,с.129].Тарбия метавонад ба тақдири ҳозираи инсон ваояндаи ӯ таъсир расонад. Бинобар ин, табиату моҳияти тарбияро бояд дарк намуда ҳадаф, вазифаҳо, усул ва воситаҳои тарбияро муайян кардан зарур аст. Донишмандон дар ин замина ба хулосае меоянд, ки «дар ҷараёни тарбияи ахлоқии насли наврас ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки баробари меъёрҳои умумии ахлоқӣ ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахс шароити маҳал, анъанаҳо ва урфу одатҳои миллат таъсир мерасонад» [12,с.126].

Ҳамин тавр, анъанаҳо, урфу одатҳои хуби халқӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ бо нигоҳдории вижагӣ ва хусусиятҳои миллӣ ба тарбияи ахлоқии насли наврас таъсири мусбӣ мерасонанд. Анъанаҳои беҳтарини миллӣ воқеан ба воситаи пуриқтидори тарбияи ахлоқӣ мубаддал гардидаанд. Таҳти таъсири анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ, осори насри ривоятӣ симои зоҳирии иҷтимоиву психологӣ ва маънавии инсон ташаккул меёбад, ки дар худ эҳсосот ва рӯҳияи баландро бо малакаҳо, одатҳои солим ва анъанаҳои пешқадами созанда дар ҷомеа ва хонавода дар бар мегирад. Ба туфайли тафаккури ахлоқӣ фарқи некиву бадӣ муайян мегардад, қадру қимати ҳаёт, инсон, маънии зиндагӣ фаҳмида мешавад, ки дар ин вазифаи қадриву арзёбии ахлоқ ифода меёбад. Фазилати меъёриву мизоншиносии ахлоқ ин аст, ки дар инсон сифату одати андешамандиро мепарварад. Дар ҳар кору амал, дар пиндору гуфтор ва рафтор риоя кардани андозаву меъёр ва ҳалли оқилонаи мушкилот ёрӣ мерасонад. Анъанаҳо ва расму оинҳо, эҷодиёти шифоҳии халқ дар такя ба рушди таърихии ҷомеа ва таҷрибаи халқҳо метавонанд ба беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ таъсир расонанд ва дараҷаи тарбияву маърифати мардумро баланд намоянд. Дар замоне, ки тарбияи насли наврас масъалаи рӯзмарраи аҳли ҷомеа гардидааст, истифодаи анъанаҳои суннатии халқи тоҷик, фарҳанги пурғановат, осори панду ахлоқии ниёгони хирадпешаамон дар рушди шахсияти баркамол зарурияти замонавӣ маҳсуб мегардад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Афзалов, Х. Таърихи педагогикаи тоҷик/Х.Афзалов.–Душанбе:Матбуот,2002.-100с.
2. Волков, Г.Н.Этнопедагогика / Г.Н. Волков.- Москва, 1999. -168с.
3. Ғафуров, Б.Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав)/Б.Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1998. – 412 с.
4. Зиёев, И.Ғ.Ахлоқ ва зебоишиносӣ/ И.Ғ. Зиёев, З.И. Зиёева. –Душанбе:Донишварон, 2019.-480с.
5. Қодиров, Қ.Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик/ Қ.Б.Қодиров. -Душанбе: Ирфон, 1998. – 233 с.
6. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам/М.Лутфуллоев.- Душанбе, 1997. -148 с.
7. Макаренко, А.С. Педагогические сочинения в 8 томах. Т.1./А.С. Макаренко.-Москва: Педагогика, 1983.
8. Мирбобоев,М.Ахлоқ ва одоби муоширaт/М.Мирбобоев, Ф.Рустамова.-Хуҷанд, 2018.-120 с.
9. Орифӣ, М. Аз таърих и афкори педагогии халқи тоҷик/ М.Орифӣ.-Душанбе, 1962.-143с.
10. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён/Э. Раҳмон.-Душанбе: Ирфон, 2002.-128с.
11. Раҳимов,Б.Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик/Б.Раҳимов,А.Нуров.-Душанбе: Шарқи озод, 2008.-295 с.
12. Расулов,Д.Педагогика (назарияи тарбия)/Д.Расулов,Л.Сайидаҳмадов,А.Ғаффоров.-Душанбе: Маориф, 2009. -268 с.
13. Сухомлинский, В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷилди сеюм. Душанбе: Маориф, 1988. – 672с.
14. Ушинский, К.Д. О народности в общественном воспитании//Избр.пед.соч. В 2 т./К.Д. Ушинский.- Москва, 1974. –Т.1 –с.51-123.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Дар зери таҳрири М.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.Маъсумӣ. - Москва,1969.

16. Ҳусайн, Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи "Ҳотамия". - Душанбе: Адиб, 2009.-320 с.
17. Шарифзода, Ф. Педагогикаи ҳамгиро / Ф. Шарифзода.-Душанбе: Ирфон, 2011.-411с.
18. Шарофов, Ш. Муошират ва худшиносӣ/Ш.Шарофов.-Хуҷанд, 2017.-302 с.
19. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо (Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон) /М.Шакурӣ. - Душанбе:Оли Сомон, 1997. -292 с.

**REFERENCES:**

1. Afzalov, Kh. The History of Tajik Pedagogy / Kh. Afzalov. - Dushanbe: Press, 2002. -100 p.
2. Volkov, G.N. Ethnopedagogy / G.N. Volkov. – M., 1999. – 168 p.
3. Ghafurov,B.Tajiks (Ancient,ancient,medieval and modern history)/B.Gafurov.-Dushanbe: Cognition, 1998.-412 p.
4. Ziyoev,I.G.Ethics and Aesthetics/I.G.Ziyoev, Z.I. Ziyoeva.- Dushanbe: Donishvaron, 2019. – 480 p.
5. Kodirov, K.B. History of Pedagogical Thought of the Tajik People / K.B. Kadyrov. - Dushanbe: Cognition, 1998. - 233 p.
6. Lutfulloyev, M. Revival of Ajam Pedagogy / M. Lutfulloyev.- Dushanbe, 1997. -148 p.
7. Makarenko,A.S.Pedagogical Essays in 8 Volumes.-V.1./A.S.Makarenko.-Moscow: Pedagogy, 1983.
8. Mirboboyev,M.Ethics of Communication /M.Mirboboyev, F. Rustamova.-Khujand, 2018. - 120 p.
9. Orifi, M. From the History of Pedagogical Thought of the Tajik People/M.Orifi.-Dushanbe,1962.-143 p.
10. Rahmon, E. Tajiks in the Mirror of History. The second Book. From Aryans to Samanids / E. Rahmon. - Dushanbe: Cognition, 2002. – 128 p.
11. Rakhimov B. Ethnic and Folk Pedagogy of the Tajik People / B. Rakhimov, A.Nurov. - Dushanbe: The Free Orient, 2008. - 295 p.
12. Rasulov D. Pedagogy (Theory of Education)/D.Rasulov,L.Saidakhmadov,A.Gafforov.-Dushanbe: Enlightenment, 2009.-268 p.
13. Sukhomlinsky,V.A.Selected Pedagogical Compositions.In 3 volumes.–V.3.-Dushanbe: Enlightenment, 1988. – 672 p.
14. Ushinsky, K.D. On the People in Public Education // Selected Pedagogical Compositions. In two volumes / K.D. Ushinsky. – M., 1974. –V.1 – p. 51 - 123.
15. The Tajik Language Dictionary (from the X-th century to the beginning of the XX-th century). In two volumes. Under the general editorship of M. Shukurov, V.A. Kapranov, R.Hashim, N.Masumi. – M., 1969.
16. Hussain, Voizi Koshifi. Futuwwat-Name. Moral ethics. The Treatise Entitled as "Hotamiya". - Dushanbe: Man-of-Letters, 2009. - 320 p.
17. Sharifzoda,F.Integrated Pedagogy/F.Sharifzoda.-Dushanbe: Cognition,2011.–411 p.
18. Sharopov, Sh. Communication and Self-Knowledge/Sh.Sharopov.-Khujand, 2017.-302 p.
19. Shakuri, M. Khorasan Is Here (Spirituality, language and national revival of Tajiks)/ M.Shakuri.-Dushanbe: Oli Somon,1997.-292 p.